**Тақриз**

ба автореферати Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзуи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи Ватанӣ. – Душанбе, 2022. – 61с.

Яке аз масъалаҳое, ки дар таърихнигории ватанӣ ба таври возеҳу равшан таҳқиқ нагардидааст, мазуи лашкардорӣ мебошад. Таҳқиқ ва омӯзиши ин рукни давлатдорӣ, аниқтараш лашкар, усулҳои созмондиҳӣ ва мудирияти он дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз аҳаммият холӣ нест. Масъалаи мазкур дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Беҳзод Султонӣ дар шароити феълӣ муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Диссертант зарурияти таҳқиқи мавзуи мазкурро дуруст таъкид доштааст, ки «...масоили ташкили артиши муназзам дар аморати Бухоро, анъанаи лашкардорӣ ва навовариҳо дар мудирияти он, таъмини лашкар бо аслиҳаи ҷангӣ, идораи лашкари аморат, рутбаҳои ҳарбӣ ва уҳдадориҳои соҳибмансабони лашкари аморат дар замони таҳти васояти Россия будани аморати Бухоро мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд, ки мубрам будани омӯзиши ин масъаларо равшан мекунанд». Муаллифи рисола дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро асоснок карда, сатҳи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, объект, мавзуъ, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, ичунин тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро нишон додааст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар се боб ва шаш зербоб таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Муаллиф зимни таҳқиқ таърихи лашкардории аморати Бухороро дар замони вассалӣ ба Русияи подшоҳӣ бо риояи принсипи таърихнигорӣ нишон додааст. Хусусан, муносибатҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ, задухӯрдҳои ҳарбӣ миёни аморати Бухоро ва Руссияи подшоҳӣ,

ташкили артиши муназзам ва таъминоти он дар аморати Бухоро, анъана ва навовариҳо дар таъминоти афзору аслиҳаи ҷангӣ ва идораи лашкар, вазифа, унвонҳо, дараҷаи ҳарбӣ ва уҳдадориҳои соҳибони он, вазъи ҳарбӣ ва модии лашкари аморат ва ғайраро мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор додааст.

Дар хулоса натиҷаҳои ба дастомада ва тавсияҳои муаллиф ба таври возеҳу равшан нишон дода шудааст.

Ҳамин тавр, дар асоси мазмуни автореферат метавон гуфт, ки диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султонӣ таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзуи таҳқиқотӣ ба табъ расидаанд, мазмуни асосии диссертатсияро ба таври васеъ инъикос менамоянд. Дар маҷмӯъ, автореферат бо риояи талаботҳои пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст ва муаллифи он – Султонзода Беҳзод Султонӣ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мебошад.

**Номзади илмҳои таърих** **Наҷмуддинов Толибшоҳ Ашурович**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
тел.: +985-62-44-23

Имзои н.и.т. Т. А. Наҷмуддиновро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ А. Мустафозода
06.02.2023